# ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛ ИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

**Парвандаи аттестатсионии №___________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30.06.2023, №20**

Барои сазовор донистани диссертатсияи Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзуи “Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Диссертатсияи Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзуи “Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз** санаи 18 апрели соли 2023, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №20-и Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, хиёбони Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.01.2022 с. тахти №13/ш.д. таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16-уми июни соли 1983 дар ноҳияи Мир Саид Али Ҳамадонӣ таваллуд шудааст. Амиров М.С. соли 2001 ба факултаи “Иқтисодӣ”-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, ихтисоси “Ҳисоби бухгалтерӣ ва аудит” дохил шуда, соли 2006 онро бомуваффақият хатм намудааст. Давоми солҳои 2018 – 2021 унвонҷӯи кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси молия таҳсил намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Сафаров Баҳром Гулматович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** - профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ;

**Боймуродов Ҷовид Ҷаъфарҷонович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шуъбаи амалиётии ҶСП “Спитамен бонк”.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи молия ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Хидиралиев Рустам Зулфалиевич омода шуда, дар ҷаласаи ҳамин кафедра баррасӣ ва муҳокима гардида (суратҷаласаи №10, аз 24.05.2023) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, д.и.и. Асрорзода У.С. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз қайд карда шудааст, ки диссертатсияи Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзуи "Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи навгониҳои таҳқиқот тибқи шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси **08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз** иҷро гардида, кори диссертатсионии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ, ки бо "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои **08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз** сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 17 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-А]. Амиров М.С. Идоракунии таваккалҳои молиявӣ дар шароити номуайян [Матн] / М.С. Амиров, Х. Ҷураева //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав: (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Қисми 2. ш.Бохтар 2018, №1/4 (57) С. 125 - 131. ISSN 2663-5534.

[2-А]. Амиров М.С. Арзёбии иқтисодии самаранокии идоракунии хавфи молиявии корхонаҳо дар шароити муосир [Матн] / М.С. Амиров// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ: - ш.Душанбе 2020, №8 С.221-231. ISSN 2413-5151.

[3-А]. Амиров М.С. Асосҳои назариявии идоракунии хавфҳои молиявӣ дар ташкилот [Матн] / М.С. Амиров, Б.Г. Сафаров //Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон:- ш. Душанбе, 2020, №4 (24). С.73-81. ISSN 2663-0389.

[4-А]. Амиров М.С. Моҳияти иқтисодӣ ва арзёбии хавфҳои молиявии ташкилотҳо [Матн] / М.С. Амиров, Х. Ҷураева //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав: (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои

гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Қисми 4. ш.Бохтар, 2021, №1/4 (62). С. 166 – 174. ISSN 2663-5534.

[5-А]. Амиров М.С. Арзёбии омилҳои беруна ва дохилаи идоракунии хавфҳои молиявии корхона [Матн] / М.С. Амиров, Б.Г Сафаров //Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон: - ш. Душанбе, 2021, №1 (25). С. 43 - 48. ISSN 2663-0389.

[6-А]. Амиров М.С. Таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ [Матн] / М.С. Амиров //Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон: - ш. Душанбе, 2021, №4/1 (29). С. 65 - 74. ISSN 2663-0389.

[7-А]. Амиров М.С.Таҳлили таъсири хавфҳои молиявӣ ба рушди корхонаҳои саноати хуроквори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Г. Сафаров, М.С. Амиров, Пайёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон: - Душанбе 2022, №2 (31). С. 62-73. ISSN 2663-0389.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[8-А]. Амиров М.С. Ҷанбаҳои назариявии инвеститсияҳои таваккалӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ[Матн] /М.С. Амиров / Маводи конференсияи илмӣ - амалии байналмилалӣ дар мавзуи "Ташаккули модели инвеститсионии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон", Душанбе 2018, С. 70 – 74.

[9-А]. Амиров М.С. Идоракунии хавфи молиявӣ дар корхона: усулҳо ва моделҳо [Матн] /М.С. Амиров /Маҷмӯаи маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Иқтисодиёти рақамӣ: муаммоҳо рушд ва механизмҳои ҳалли он», ДДМИТ 12 декабри соли 2020, ш. Душанбе, -С-177 – 183.

[10-А]. Амиров М.С. Хавфи молиявӣ дар марҳилаи рушди устувори иқтисодӣ [Матн] /М.С. Амиров /Маводҳои конференсияи байналхалқии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ", Донишгоҳи милии Тоҷикистон, Душанбе - 2020. С. 300 - 308.

[11-А]. Амиров М.С. Влияние финансового риска на инвестиционную активность предприятий Хатлонской области [Матн] /М.С. Амиров /Материалы международной научно - практической конференции "Использование современных методов управления в социально - экономическом равитии Республики Таджикистан" Российско-Таджикский (Славянский) университет. Душанбе - 2020г С. 161-166.

[12-А]. Амиров М.С. Усулҳои арзёби хавфи асъорӣ ва танзими он дар фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] /М.С. Амиров /Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Масъалаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент ва фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», н. Рашт - 2021, С. 136 - 144.

[13-А]. Амиров М.С. Модели идоракунии хавфҳои лоиҳа дар корхонаҳои саноатӣ [Матн] /М.С. Амиров /Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ дар мавзуи "Иқтисодиёт, идоракунӣ ва молия

дар КАС: ҳолат ва дурнамои рушди илм дар асри 21”, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, ш.Душанбе - 2021, С. 149 - 153.

[14-А]. Амиров М.С. Усулҳои идоракунии хавфҳои асъорӣ дар корхона [Матн] /М.С. Амиров /Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ–амалии байналмилалӣ дар мавзӯи “Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ”. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш.Душанбе, - 2021, С. 395 - 399.

[15-А]. Амиров М.С. Идоракунии хавфҳои молиявӣ дар шароити иқтисодӣ [Матн] /М.С. Амиров /Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Механизми татбиқи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити индустриаликунонии мамлакат: воқеият ва дурнамо» (ш. Душанбе, 23- юми октябри соли 2021), ДДМИТ соли 2021 С. 338 - 344

[16-А]. Амиров М.С. Устувории молиявии корхонаҳои саноати хӯроквори [Матн] /М.С. Амиров /Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ: ҳолат ва дурнамои рушди он», 7- уми декабри соли 2021, ДДМИТ, ш. Душанбе.

[17-А]. Амиров М.С. Пазироии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ омили рушди саноатикунонӣ [Матн] /М.С. Амиров /Маводи Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар» н. Рашт - 2022, С. 146 - 156.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Бобоев О.Б.** – д.и.и., профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1) Коркарди нокифояи усулҳои мавҷудаи арзёбии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворecho Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2) Таҳқиқотҳо масъалаи арзёбии иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос накардаанд.

**2. Самандарзода И.Ҳ.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эрод:

1) Агар муаллиф нишондиҳандаҳои саноати хӯроквориро, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нишон дода шудаанд, илова менамуд ба таҳқиқоти мазкур фоидаи калон мебахшад.

2) Дар ҷумлаҳои матни автореферат хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешавад.

**3. Рауфӣ А.**- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

1) Харитаи хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ пурра асоснок карда нашудааст, ки он метавонад ҳамчун воситаи таҳлилӣ ҳангоми тасҳеҳи стратегияи алакай муайяншуда ва мушаххас кардани ҳадафи корхона истифода шавад.

2) Нишондиҳандаҳои таҳлил ва арзёбии фаъолияти молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворнии Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоя таҳия карда шудаанд.

**4. Дусматов Б.М. -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1) Дар автореферат намуд ва ҳаҷми маҳсулоти дар корхонаҳои саноати хӯрокворнии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои содирот пешбини шудаанд, ба назар намерасанд.

2) Дар саҳифаи 11 автореферат, расми 1, усулҳои идоракунии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ – тасвир ёфтааст, ки он бо таври кофӣ шарҳу тавсиф дода нашудааст.

**5. Холов Т.А. -** номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо чунин эродҳо:

1) Муаммоҳои асосии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворнии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳҳои ҳалли онҳо аз ҷониби муаллиф пешниҳод нагардидаанд.

2) Дар саҳифаҳои 11-12 автореферат муаллиф стандартҳои умумии корпоративии ҷаҳонӣ таҳлил мекунад, вале бояд аз таҷрибаи мусбати давлатҳои хориҷии арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноатиро, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад татбиқ шавад пешниҳод нашудааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои арзёбии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти арзёбӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***методологияи таҳлил ва арзёбии*** хавфҳои молиявии корхонаҳо дар шакли харитаи намунавии хавфҳои молиявӣ мувофиқи хусусиятҳои корхонаҳои саноати хӯрокворнии Ҷумҳурии Тоҷикистон *таҳия гардид*.

Харитаи хавфи молиявӣ имкон медиҳад, муайян кунад сатҳи хавфҳои молиявӣ, ки корхонаҳои саноатӣ бештар дучор мешаванд, таъсири хавфҳои молиявӣ ба фаъолияти ҷорӣ ва стратегии корхонаҳои саноатӣ таҳлил ва барои пешгирӣ кардан ё кам кардани оқибатҳои хавфи молиявӣ ба фаъолияти молиявию хоҷагии корхонаҳои саноатӣ маҷмуи тадбирҳоро тартиб диҳанд.

- ***таърифи муаллифии*** мафҳуми «хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ» дода шудааст, ки хавфҳои эҳтимолияти талафоти фоиданокии корхона аз сабаби сари вақт арзёбӣ накардани вазъяти молиявии корхона ва надоштани низоми идоракунии ба хавф нигаронидашуда мебошад.

-***омилҳои асосие,*** ки воқеан ҳолати хавфро ба вуҷуд оварда метавонанд, ***ошкор карда шудаанд:*** омилҳои идорашаванда, яъне ташкили меҳнат, сохтори идоракунӣ, истифодаи захираҳои дохилӣ, равандҳои истеҳсолӣ ва ғ. Инчунин омилҳои идоранашаванда, яъне-иқлимӣ, сиёсӣ, экологӣ, муваққатӣ ва ғайра, ки онро субъекти идоракунанда тағйир дода наметавонад.

- ***назарияе асоснок ва исбот карда шудааст,*** ки дар сурати тақвият додан ва мукаммал гардидани *низоми* ***идоракунии ба хавф нигаронидашуда***, аз ҷониби корхонаҳои саноати хӯрокворӣ истифодаи механизмҳои муайянкунӣ, арзёбӣ ва бартарафнамоии хавфҳои молиявӣ: таъсис намудани дар корхона шуъбаи идоракунии хавфҳои молиявӣ, ҷалб намудани мутахассисон махсусан хавф-менеҷерон таъмин намоянд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- муқаррароти бунёдии назарияи молия, асарҳои классикони илми иқтисод, асарҳои олимон-иқтисодшиносони ватанию хориҷӣ оид ба арзёбӣ ва идоракунии хавфҳои молиявӣ таҳлилу ***баррасӣ гардида***, амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои ироагардида метавонанд тағйироти куллиро дар низоми идоракунии хавфҳои молиявӣ, инчунин ҷорӣ намудани шаклҳои нави идоракунӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба миён оранд.

-**исбот карда шудааст** муқаррароти доир ба омилҳое, ки ба пайдоиши хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ таъсир мерасонанд, тафсири муаллифии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ таҳия ва **пешниҳод гардидааст инчунин** модели регрессионии корхонаҳо дар заминаи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворecho хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон **таҳия карда шуд.**

- ***самтҳои асосии сиёсати идоракунии ба хавф нигаронидашуда*** дар корхонаи саноати хӯрокворӣ таҳия ва пешниҳод гардиданд. Татбиқи самтҳои асосии ин сиёсат ба корхонаҳо имконият медиҳад, ки ба сохтани низоми идоракунии ба хавф нигаронидашуда афзалият дода шавад. Пас аз ҷорӣ намудани сиёсат ва низоми идоракунии корхонаи саноатӣ талаботҳо ва тартиботи арзёбии низоми идоракунии хавфҳоро дақиқ омӯхта ва тавсияҳое, ки аз рӯйи натиҷаҳои он бароварда шуданд барои сари вақт бартараф намудани камбудиҳо кумак мерасонанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта**

*-гояи* арзёбии раванди самаранокии идоракунии хавфҳои молиявӣ боиси ҷоннок намудани самтҳои фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, инчунин афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, фаъолияти самаранокии молиявӣ, пурзӯр ва таъмин намудани сармоягузории онҳо ба рушди устувории соҳаи саноат ва иқтисодиёти миллӣ ***таҳия ва пешниҳод шудааст***.

*-методикаи* арзёбии низоми идоракунии хавфҳои молиявӣ дар корхонаи саноати хӯрокворӣ ҶДММ «Висол» таҳия ва пешниҳод карда шудааст, бо мақсади муайян намудани хавфҳои молиявие, ки ба фаъолияти молиявию хоҷагидории онҳо таъсир мерасонанд. Натиҷаҳои ташхиси низоми идоракунии хавфҳои молиявӣ дар ҶДММ «Висол» бояд асоси стратегияи идоракунии ба хавф нигаронидашуда дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ташкил намуда, ба такмили низоми идоракунии хавф дар асоси корхона мусоидат намояд.

*-блок-нақшаи* арзёбии хавфҳои молиявӣ дар корхонаи саноати хӯрокворӣ ***таҳия ва пешниҳод карда шудааст*** ва имкон медиҳад, нишондиҳандаҳои зарурие, ки ба пайдоиши хавфҳои молиявӣ таъсир мерасонанд, муайян намояд ва барои баррасии вазифаи бартарафсозии хавфи молиявӣ ва оқибатҳои он дар шароити тағйирёбандаи бозорӣ, баланд бардоштани рақобатнокӣ ва устувории рушди субъектҳои хоҷагидорӣ лозим аст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

*-стратегияи* идоракунии ба хавф нигаронидашуда дар корхонаҳои саноатӣ хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ***таҳия карда шудааст.*** Стратегия вазъи ояндаи низоми идоракунии ба хавф нигаронидашудаи корхона ин ҳуҷҷати асосии мебошад, ки талаботро барои шакли муносибӣ низоми идоракунии хавфҳои корхона дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ, аз ҷумла шурои директорон, роҳбарият ва фаъолияти амалиётӣ муқаррар мекунад.

- натиҷаҳои илмии бадастомада ба ташаккули ҷанбаҳои назариявӣ - методологии арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ ва рушди низоми идоракунии хавфҳои молиявии онҳо мусоидат намуда, қисман хулоса ва тавсияҳои илмӣ - амалии кори диссертатсионӣ, дар корхонаи саноатии ҶДММ "Висол", аллакай истифода карда шудаанд.

- аз натиҷаи таҳлили коррелятсионӣ маълум гардид, аз 5 омилҳои таъсиррасон ба пешгирии хавфи молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, яъне коҳиш ёфтани қарзи кредиторӣ, омилҳои хариди воситаҳои асосӣ ва ҳаҷми фурӯш, ҳамчун омилҳои таъсиррасон муайян гардиданд. Натиҷаи таҳлили регрессионии арзёбии фаъолияти молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки вобастагии байни нишондиҳандаи натиҷавии қарзҳои кредиторӣ ва воситаҳои асосию ҳаҷми фурӯш назаррас мебошад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***гояи*** илман асосноки дар пояи таҳқиқотҳои олимони соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ оид ба арзёбии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноати ***пешниҳод гардидааст,*** ки идоракунии самараноки корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ин сари вақт арзёбӣ намудани вазъяти молиявии корхона, таҳияи низоми идоракунии ба хавф нигаронидашуда ва таъси намудани шуъбаи хавф менеҷмент мусоидат мекунанд.

- ***равиши*** илман асосноккардашудаи татбиқи самтҳои асосии сиёсати идоракунии ба хавф нигаронидашуда ба корхонаҳо имконият медиҳад, мустақилона номгӯи меъёрҳои арзёбии низомҳои идоракунии хавфҳоро бо назардошти хусусиятҳои тиҷорат, сохтори идоракунии корпоративӣ ва камолоти равандҳои асосии фаъолият, аз ҷумла равандҳои стратегӣ, банақшагирии амалиётӣ ва сармоягузорӣ муайян кунанд, ***пешниҳод карда шудааст.***

- ***усулҳои*** асосии идоракунии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ аз қабили: пешгирӣ (канорагирӣ), маҳаллисозӣ (маҳдудият), гуногунрангӣ, ҷуброн ва интиқол муайян шуданд. Ҳар яке аз ин усулҳо дар алоҳидагӣ ё якҷоя истифода бурдан мумкин аст ва интихоби онҳо аз таҷрибаю қобилияти роҳбар вобастагӣ дорад, ки ба тактикаи қабули қарорҳо, муносибати фаъол ё ғайрифаъол ба хавф, сиёсати идоракунии хавфҳои корхона мусоидат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- ҷамъбасткунӣ, муратабсозӣ, арзёбӣ ва муайян кардани усулҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳлили ҳолати низоми молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва дурнамои рушди онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифтааст. Натиҷаи алоҳидаи диссертатсия ҳангоми кор карда баромадани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои гуногуни молиявӣ дар ҷумҳурӣ истифода бурда мешаванд.

- иштироки шахсии унвонҷӯ дар роҳи ба даст овардани натиҷаҳо аз иштироки он дар ҷамъоварии маълумот, коркарди онҳо, тафсир, таҳлил ва банизомдарорӣ дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш; таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи ин маводҳо, таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти арзёбии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

- пешниҳоди алоҳидаи муаллиф аз ҷониби ҶДММ “Висол” қисман дар рафти таҳияи рафти коркарди харитаи хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 19.09.2022 мавриди амал қарор дорад ба инобат гирифта шудаанд.

- дар омода ва нашр намудани 17 кори илмӣ, аз ҷумла 7 - тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи мавриди таҳқиқ иборат аст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 30.06.2023 қарори сазовор донистани Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич бо дараҷаи

илмии номзади илмҳои иқдисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба овоз монда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 12 нафар, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ - 14 нафар, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**30 июни соли 2023**